*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

| Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 63 (4646) | ҶУМЪА, 12 МАЙИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад |
|---|---|---|---|

## ИДОМАИ САФАРИ ДАВЛАТИИ ПРЕЗИДЕНТИ ТУРКМАНИСТОН БА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



**11-уми майи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Туркманистон муҳтарам Сердар Бердимуҳаммедов ба мавзеи зебову нотакрори кишвар дар ноҳияи Варзоб ташриф оварданд.**

Сарони давлатҳо аз мавзеи Такоб боздид намуда, табиати зебо ва манзараҳои нотакрори ноҳияи Варзобро тамошо карданд.

Сайругашти меҳмони олимақом дар фазои басо гарму самимӣ ва дӯстию бародарӣ ҷараён гирифт.

Тоҷикистон бо сарватҳои табиӣ, бахусус обҳои мусаффо ва меваю сабзавоти шаҳдбораш, кишварест нотакрор.

Сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Сердар Бердимуҳаммедов дар мавзеъҳои зебои ноҳияи Варзоб гаштугузор ва суҳбати озоди дӯстона намуда, аз табиати сабзу ҳавои тозаи Тоҷикистони офтобӣ ҳаловат бурданд.

Мавриди зикр аст, ки меҳмоннавозии анъанавии тоҷикон, ки бо шарофати Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз нав эҳё гаштаву рушд мекунад, аз қадим хусусиятҳои хоси дӯстонаю самимияти баланд дорад.

**www.president.tj**

## МУЛОҚОТИ ҚОҲИР РАСУЛЗОДА БО СЕРДАР БЕРДИМУҲАММЕДОВ



**11-уми майи соли 2023 дар доираи сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мулоқоти Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳаммедов бо Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода баргузор шуд.**

Ҷонибҳо ҳамкории дуҷонибаву бисёрҷонибаро мавриди баррасӣ қарор дода, ба тақвияти муносибатҳо дар соҳаҳои муҳим, аз ҷумла кишоварзӣ, саноат, сармоягузорӣ, сайёҳӣ, фарҳангӣ, роҳу нақлиёт ва хизматрасонӣ, ҳавасмандӣ зоҳир намуданд.

Пас аз соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи сиёсати дарҳои боз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории некро бо давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла бо Туркманистон низ, ба роҳ монда, бо мақсади тақвияти бештари робитаҳои байниҳукуматӣ аз имконот ва шароити мавҷуда самаранок истифода менамояд.

**АМИТ «Ховар»**

## АНҶОМИ САФАРИ ДАВЛАТИИ ПРЕЗИДЕНТИ ТУРКМАНИСТОН

**Нимаи дуюми 11-уми майи соли равон, пас аз анҷоми сафари бобарори давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Туркманистон муҳтарам Сердар Бердимуҳаммедов аз шаҳри Душанбе ба Ватан баргаштанд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе меҳмони олимақом - Президенти Туркманистон муҳтарам Сердар Бердимуҳаммедовро Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода ва дигар шахсони расмӣ бо нишони эҳтирому самимияти зиёд гусел намуданд.

Ёдовар мешавем, ки сафари давлатии Президенти Туркманистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-ум то 11-уми майи соли 2023 идома ёфт. Зимни ин сафар мулоқоти сарони давлатҳо ва ҳайатҳои расмии ҳар ду давлат баргузор гардида, аз рӯи натиҷаҳои он 24 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид.

**АМИТ «Ховар»**

## НЕЪМАТИ ҚИМАТТАР АЗ ТИЛЛОВУ ГАВҲАР



**Фазлиддин ИКРОМӢ,**
**муовини раиси Комиссияи экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги оби зулол буда, масоҳати умумии пиряххояш 11 ҳазору 146 километри мураббаъро дар бар мегирад. Дар ҳудуди мамлакат тақрибан 947 дарё ҷорӣ буда, дарозии умумии онҳо ба 28 ҳазору 500 километр баробар мебошад. Кишвари мо, инчунин дорои 1300 кӯл мебошад, ки масоҳати онҳо дар маҷмӯъ ба 705 километри мураббаъ баробар аст.**

Боиси шукр ва ифтихор аст, ки Худованд ба мулки мо ин неъмати қиматтар аз тиллову гавҳарро фаровон ато намудааст. Об манбаи ҳастии тамоми мавҷудоти олам аст. Ҳаёти инсон, ҳайвоноту наботот, сарсабзии сайёра ҳама аз баракати ин неъмати бебаҳо вобастагӣ дорад.

Нависандаи маъруфи фаронсавӣ Антуан де Сент - Экзюпери дар васфи об чунин гуфтааст: «Об, ту маза, ранг ва бӯй надорӣ, тавсифи ту корест душвор. Туро нашинохта аз ту ҳаловат мебаранд. Набояд гуфт, ки барои ҳаёт зарурӣ, ту худ ҳаёт ҳастӣ. Вуҷуди моро аз хурсандӣ пур менамоӣ, ки дар шарҳи он эҳсоси мо оҷиз аст. Бо ту қувваҳои гумкардаи мо дубора ба мо бармегарданд. Ба шарофати ту чашмаҳои хушкидаи қалби мо аз нав ба туғён меоянд. Ту сарвати бузург дар олам ҳастӣ».

Мувофиқи маълумоти СММ, 25 дарсади сокинони сайёра ба оби нӯшокӣ дастрасии комил надоранд. Аз рӯи маълумоти Институти захираҳои ҷаҳонӣ, аз 32 иёлоти Мексика дар 15- тояш норасоии шадиди об эҳсос мешавад. Аз 16 вилояти Чили дар 10 - тояш чунин вазъияти ногувор ба мушоҳида мерасад.

Тайи 50 соли охир аҳолии ҷаҳон ду баробар афзуд, ки ин боиси зиёдшавии талабот нисбат ба оби тоза гардид. Саноатикунонӣ, урбанизатсия (шаҳрнишинӣ) ва афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ низ талабот ба обро зиёд мекунанд.

Норасоии оби тоза ва истеъмоли оби ифлос боиси авҷгирии бемориҳои сироятӣ аз қабили домана, исҳоли хунин, диарея (шикамрав), зардпарвин, салмонеллёз, мегардад. Аз рӯи маълумоти нашрияи «Medaboutme» солона аз сабаби истеъмоли оби ифлос ва бемориҳои вобаста ба он дар ҷаҳон зиёда аз 25 миллион нафар мефавтанд. Норасоии об баъзан боиси пайдошавии зиддиятҳо ва низоъ миёни кишварҳо мегардад.

Мувофиқи маълумоти иқлимшиносон, дар натиҷаи гармшавии глобалӣ эҳтимол аст, ки то соли 2030 зиёда аз 40 дарсади сокинони сайёра бо норасоии об рӯ ба рӯ шаванд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарки мушкилоти зикршуда мунтазам таваҷҷуҳи ҷаҳониёнро ба масъалаи мазкур ҷалб намудаанд. Сардори давлати мо ташаббускори тамоми қатъномаҳои вобаста ба об дар даҳсолаҳои охир қабулшудаи СММ, аз ҷумла «Соли байналмилалии оби тоза» эълон шудани соли 2003, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои ҳаёт» эълон шудани солҳои 2005 - 2015, «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» эълон шудани соли 2013, қабули қатъномаи «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» ва «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон намудани соли 2025 мебошанд.

Пешвои миллат дар чорабинии «Об ва Наврӯз - ду сарчашмаи ҳаёти башар» дар доираи Конфронси оби СММ - 2023, ки дар шаҳри Ню - Йорки ИМА баргузор гардид, чунин иброз намуданд: «Норасоии об барои рушди кишварҳо ва халқҳо дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла ҳифзи саломатӣ, амнияти озуқаворӣ, баробарии гендерӣ, муҳайё сохтани ҷойҳои корӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ, маориф, саноат, иқдомҳои сулҳофарӣ ва амсоли инҳо, мушкил эҷод менамояд».



Зикр кардан бамаврид аст, ки дар таркиби об магний, калтсий, натрий, руҳ (синк) ва дигар моддаҳои минералии ба организм зарур мавҷуданд. Масалан, магний табодули энергияро дар ҷисм ба танзим даровarda, тапиши муътадили дил, фаъолияти хуби узвҳои ҳозима, баландшавии неруи ҳифзатии ҷисм (иммунитет), фаъолияти муътадили системаи асаб, хоби бароҳат, фаъолияти хуби корӣ ва муътадилии фишори хунро таъмин мекунад. Магний ба ҷаббидашавии калтсий мусоидат карда, дар мустаҳкамии устухонҳо нақши муҳим мебозад.

Об барои солимии банду буғумҳо, узвҳои ҳозима, танзими фишори хун, тароватӣ пӯсти бадан, ҷаббидашавии витаминҳо, фаъолияти хуби гурда ва ғайра зарур аст. Агар об ифлос бошад, яқин аст, ки инсон бемор шуда, фаъолияташ заиф мешавад.

Яке аз сабабҳои норасоию ифлосшавии об тағйирёбии иқлим, боронҳои сел, обхезӣ ва ё баръакс хушксолӣ мебошад. Пешвои миллат чунин таъкид намуданд: «Тағйирёбии иқлим сабаби афзоиши бесобиқаи офатҳои табиии марбут ба об гардида истодааст. Ҳамаи мо соли гузашта ва зимистони соли ҷорӣ шоҳиди хушксоливу обхезиҳои бесобиқае будем, ки бо миқёси бузург ва фарогирии ҷуғрофӣ бори дигар ҳамбастагии зичи обу иқлимро собит намуданд…

Ба ҳама маълум аст, ки зери таъсири тағйирёбии иқлим ва дигар равандҳои глобалӣ сарчашмаҳои оби ошомиданӣ сол аз сол коҳиш меёбанд. Барои мисол, аз 14 ҳазор пиряхи Тоҷикистон дар чанд даҳсолаи охир ҳазортояш пурра аз байн рафтааст».

Ёдовар шудан бамаврид аст, ки 3- юми марти соли 2021 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти якуми Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об ва иқлим, ки таҳти раёсати Дабири кулли Созмони байналмилалии обуҳавошиносӣ Петери Таалас баргузор гардид, сабаби асосии тағйирёбии иқлимро обшавии босуръати пиряххо дар натиҷаи гармшавии глобалӣ маънидод карданд. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пиряххоро захираи асосии оби тоза арзёбӣ намуда, изҳор карданд, ки обшавии босуръати онҳо дар баробари зиёдшавии истеъмоли об, ки бо афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ вобастагӣ дорад, метавонад ба оқибатҳои ногувор расонад.

Пажӯҳиш собит намуд, ки дар 70 - 80 соли охир пиряхи Федченко (воқеъ дар ВМКБ) зиёда аз як километр коҳиш ёфта, майдони он то 44 километри мураббаъ кам шудааст. Илова бар ин, ҳаҷми он 15 километри мукааб ихтисор гардида, суръати миёнаи ақибравии нӯг (забон)-и пирях дар як сол 16 метрро ташкил медиҳад.

Ҷиҳати пешгирии обшавии босуръати пиряххо Президенти мамлакат пешниҳод карданд, ки соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо», инчунин, 21-уми март «Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон шавад.

Пешниҳоди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 14 - уми декабри соли 2022 дар Маҷмаи умумии СММ бо пуштибонии 153 кишвар қабул шуда, соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» ва 21 - уми март «Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряххо» муқаррар гардид.

Ин эътирофи сатҳи ҷаҳонӣ моро водор месозад, ки дар истифодаи сарфакорона ва пок нигоҳ доштани манбаъҳои об масъулияти бештар зоҳир намоем.

## ЗАМИНИ ҒАСБГАРДИДА БАРҚАРОР ГАРДИД



**Дар ноҳияи Дӯстӣ 0,11 гектар замини ғасбгардидаи муассисаҳои таълимӣ ба ҳолати аввала баргардонида шуд.**

Тавре мудири Шуъбаи маорифи ноҳияи Дӯстӣ Шаҳноза Маҳмадсаидзода зикр кард, 27- уми апрели соли равон бо ибтикори Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Дӯстӣ гурӯҳи корӣ таъсис дода шуд. Ҳадафи ташкили гурӯҳи корӣ барқарор кардани замини ғасбшудаи муассисаҳои таълимӣ буд.

Дар натиҷа, замини тасарруфшудаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №20 – 0,06 гектар ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №47 – 0,05 гектар ба ҳолати аввала баргардонида шуд.

- Дар замини зикршуда муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №20 бинои иловагии дуошёна барои 240 хонанда ва дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №47 чор синфхонаи иловагӣ сохта мешавад. Дар назар аст, ки дар ин макон майдончаҳои варзишӣ низ бунёд гардад, - гуфт Ш. Маҳмадсаидзода.

**Сулаймон СУЛТОНОВ,**
**«Садои мардум»**



# ИФТИХОРМАНДӢ ВА ТАДБИРАНДЕШИИ БЕТАЪХИР

## ДБССТ миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар аввалин шуда баҳри шарҳу тавзеҳи Конфронси оби СММ-2023 ва чорабиниҳои марбут ба он иқдом намуд

**Ташаббусҳои беназири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эълон гардидани соли 2003 «Соли байналмилалии оби тоза», соли 2013 «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об», «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои ҳаёт солҳои 2005 - 2015», Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018 - 2028», соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо», «Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо» муқаррар намудани санаи 21-уми март ва таъсиси Бунёди мақсадноки ҳифзи пиряхҳо рӯйдодҳои бениҳоят муҳим ба ҳисоб рафта, ба болоравии бесобиқаи мақому манзалати кишвари мо дар арсаи байналмилалӣ ва беш аз пеш афзудани нуфузу маҳбубияти Абармарди дунёи сиёсат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар миқёси олам боис гардид.**

Шукӯҳу шаҳомат ва натиҷаҳои сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 20 - 24-уми марти соли равон ба шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико сурат гирифт, ҳоҷат ба шарҳу тавзеҳ надошта, месазад тоҷику тоҷикистониён аз Пешвои миллат ва манзалату маҳбубияти бениҳоят баланди ӯ ифтихор намоянд.

Бо ифтитоҳи намоишгоҳи «Таърихи рушди Тоҷикистон» дар қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид, тақдими туҳфаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Милали Муттаҳид, чорабинии «Об ва Наврӯз - ду сарчашмаи ҳаёти башар», Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», чорабинии канорӣ бо номи «Табдили институтҳои иқтисодии глобалӣ ба манфиати умум: Даъват барои бедоршавӣ аз ҷониби Комиссияи глобалӣ оид ба иқтисодиёти об» ва ғайра Роҳбари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар СММ ба маънои том минбардор намуданд.

Чорабиниҳои зикршуда моҳиятан ва мантиқан марҳилаи сифатан нави тадбирандешиҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, минбаъд имкон фароҳам мешавад, ки ин раванд бо неруи нав ва бо усули муштарак роҳандозӣ гардад. Ба таъбири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Ин се рӯз дар ҳақиқат моро неруи наве бахшид: мо аҳли ҷаҳонро ба шаҳри Ню - Йорк овардем, акнун мо метавонем амалҳои таҳиягардидаи муштаракро дар соҳаи об ба ҷаҳон расонем».

Тарғиб ва шарҳу тавзеҳи аҳамияти чорабиниҳои мавриди назар идомаи мантиқии чорабиниҳои зикршуда ба ҳисоб рафта, дар ин самт фаъол будани муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мувофиқи мақсад аст.

Дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон 25-уми марти соли равон, яъне як рӯз пас аз баргузории Конфронси оби СММ-2023 ва чорабиниҳои марбут ба он ҳамоиши илмӣ-назариявии байналмилалӣ таҳти унвони «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – ташаббускори ҳалли масоили вобаста ба об дар минтақа ва ҷаҳон» баргузор гардид.

Иншои матлаби мазкур ба ифтихорманд будани роҳбарияти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз Пешвои миллат ва бетаъхир тадбирандешӣ намудан барои тарғиб ва шарҳу тавзеҳи моҳияти ташаббусҳои ин Абармард вобаста аст

Дар чорабинии фавқ олимону



муҳаққиқони ватанӣ, инчунин намояндагону коршиносони хориҷӣ, аз ҷумла аз Шоҳигарии Нидерланд, Ҳиндустон, Малайзия ва дигар кишварҳо иштирок намуданд.

Зимни ифтитоҳи ҳамоиш роҳбарияти ДБССТ зикр намуд, ки ҳамкорӣ бо СММ барои кишвари мо авлавият буда, пешниҳодоти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба обу энергетика, мубориза бар зидди терроризм, экстремизм ва қочоқи маводи мухаддир, рушди ҳамкориҳои минтақавӣ, ҳаллу фасли муқовимати шаҳрвандӣ аз тариқи гуфтушунид ва ғайра, ки аз минбари он иброз шуда буд, мавриди ҳамовозии ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифт. Дар навбати худ, СММ ба фаъолият ва масъалагузориҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳои баланд дода, ба кишвари мо таваҷҷуҳи хоса дорад.

- Кишвари мо тайи зиёда аз ду даҳсола масъалаҳои марбут ба обро дар рӯзномаи ҷаҳонии рушд пеш мебарад. Бо ибтикори ҷониби Тоҷикистон Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои об нуҳ қатънома қабул намуд. Ибтикори мазкур боис гардид, ки кишварҳои аз лиҳози ҷуғрофӣ, рушди иқтисодӣ ва фарҳангу забон гуногун барои татбиқи ҳадафҳои марбут ба об кӯшишҳои муштарак ба харҷ диҳанд.

Маҳз ба шарофати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавзӯи об ба рӯзномаи байналмилалии масъалаҳои ҳалталаб дохил гардид. Муҳим он аст, ки ин ташаббуси наҷиб аз ҷониби Роҳбари кишваре зоҳир гардид, ки собиқаи начандон тӯлонии узвият дар СММ-ро дорад, - зикр шуд дар маърӯзаи роҳбарияти ДБССТ.

Масъулини ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ёдовар шуданд, ки ин раванд 1-уми октябри соли 1999 аз пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмаи умумии СММ оид ба эълон намудани соли 2003 «Соли оби тоза» шурӯъ гардид. Дар заминаи ташаббуси мавриди назар 20-уми сентябри соли 2000 дар Иҷлосияи 55-уми Маҷмаи умумии СММ соли 2003 «Соли байналмилалии оби тоза» эълон шуд. Аз 29-уми август то 1-уми сентябри соли 2003 дар шаҳри Душанбе баргузор шудани Форуми байналмилалӣ оид ба оби тоза низ марбут ба ин ташаббус аст.

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эълон кардани солҳои 2005-2015 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои ҳаёт» идомаи мантиқии ин раванд ба ҳисоб меравад. Вобаста ба он 23-юми декабри соли 2003 Маҷмаи умумии СММ дар асоси Эъломияи Душанбе қатъномаи дахлдорро қабул карда, солҳои 2005-2015-ро Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои ҳаёт» эълон кард.

Ташаббуси дигари Пешвои миллат эълон кардани соли 2013 «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» мебошад. Муҳиму саривақтӣ будани ин пешниҳод низ боис гардид, ки соли 2013 ҷомеаи байналмилалӣ, бо истинод ба Қатъномаи Маҷмаи умумии СММ 67/204, ки муаллифаш Тоҷикистон аст, «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об»-ро таҷлил намуд. 11-уми феврали соли 2013 дар қароргоҳи ЮНЕСКО дар шаҳри Париж баргузор гардидани маросими оғози «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» шаҳодати шукӯҳу шаҳомат ва моҳияти ин ташаббус мебошад.

- Роҳбари давлат ба дастовардҳои дар ин самт ноилгардида иктифо накарда, ташаббускориро вобаста ба масоили об тавсеа бахшиданд. Дар ҳоле ки роҳбарони дигар кишварҳо ба манфиатҳои давлатӣ, қавмӣ ва гурӯҳӣ таваҷҷуҳ доранд, Роҳбари мамлакати мо пайи ҳалли мушкилоти сайёра камари ҳиммат бастанд. Мунтазам ва бо далелҳои асоснок ба самъи ҷомеаи ҷаҳонӣ расониданд, ки бар асари таъсири тағйирёбии иқлим аллакай зиёда аз 50 дарсади аҳолии ҷаҳон бо мушкилии норасоии об рӯ ба рӯ гардида, биёбоншавӣ, афзудани офатҳои табиии вобаста ба об ва ғайраҳо, ки ба захираҳои обӣ ва сифати он таъсири манфӣ мерасонанд, аз ҷомеаи ҷаҳонӣ тадбирандешии бетаъхирро тақозо мекунанд.

Ташаббуси навбатиашон эълон кардани солҳои 2018 - 2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор» низ аз дилсӯзиву дурандешиашон маншаъ гирифтааст. Бо назардошти моҳияти ин ташаббус низ бо иттифоқи оро дастгирӣ ёфта, 21-уми декабри соли 2016 Маҷмаи умумии СММ дар ин бобат қатъномаи зидахлро қабул кард,- таъкид шуд дар маърӯзаи роҳбарияти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Дар робита ба масъалаи мавриди назар коршиноси масоили экологии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ҳасан Асоев, намояндаи Пажӯҳишгоҳи сайёҳӣ ва менеҷменти гардишгарӣ (ниҳоди Вазорати сайёҳии Ҳиндустон) доктор Сандип Кулшрэшта, муовини ректори Донишкадаи миллии сайёҳӣ ва менеҷменти меҳмондории Ҳайдарободи Ҳиндустон доктор Гавинолла Маҳендер Рэдди, пажӯҳишгари Донишгоҳи байналмилалии Малайзия хонум Нор Анира Бинти Зулкифли, намояндаи Донишгоҳи илмҳои татбиқии бредаи Нидерланд, доктор Тео ван Де Лаар, корманди Пажӯҳишгоҳи илмҳои палеонтологии назди департаменти илм ва технологияи Ҳукумати Ҳиндустон доктор Шипа Пандей ва и.в. директори Филиали донишгоҳ дар вилояти Суғд (шаҳри Хуҷанд) дотсент Манучеҳр Садриддинов маърӯза намуданд.

Ҷоиз ба зикр аст, ки ин ибтикори аввалин набуда, қаблан вобаста ба ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон , аз ҷумла «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон гардидани соли 2025 дар донишгоҳ ду конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ бо ҷалби олимону коршиносони хориҷӣ, аз ҷумла Британияи Кабир, Португалия, Нидерланд, Исроил, Мексика, Малайзия, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон доир шуда буд.

Ин даргоҳи илму маърифат, ки мавҷудияташ аз донишкадаи соҳавӣ то муассисаи таҳсилоти олии касбии байналмилалӣ масир дорад, мутахассисонро барои соҳаҳои гуногуни фаъолияти сайёҳӣ, меҳмондорӣ, соҳибкорӣ, саноат, хизматрасонӣ, идоракунии давлатӣ, технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт, фаъолияти гумрукӣ, кори бонкӣ, андоз ва андозбандӣ, молия ва қарз, баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит, иқтисодиёти рақамӣ тайёр намуда, ба яке аз донишгоҳҳои пешқадам табдил ёфтааст.

Ба донишгоҳ табдил ёфтани муассиса ва мақоми байналмилалӣ гирифтани дастоварди арзанда ва қобили мулоҳиза мебошад, ки аҳли донишгоҳ бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он ноил гардиданд. Иқдоми мазкур давраи нави рушди донишгоҳро оғоз бахшид. Барои мисол, бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Литсейи касбии саноати кимиёи шаҳри Левакант ва Литсейи касбии хизмати шаҳри Хуҷанд ба тавозуни донишгоҳ гузаронида шуд. Иқдомоти мазкур дар баробари ҷанбаҳои мусбати зиёд, ҳамчунин имкон фароҳам месозад, ки кадрҳои баландихтисос дар зинаҳои ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ омода намояд. Илова бар ин, дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон нуҳ ихтисоси нав ҷорӣ карда шуд, ки ба ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати мамлакат ва «Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040» рабт дорад. Инҳо «Полиси сайёҳӣ», «Тибби сайёҳӣ», «Сайёҳии осоишгоҳӣ-табобатӣ», «Иқтисодиёти рақамӣ», «Зеҳни сунъӣ», «Кибернетикаи иқтисодӣ», «Хадамоти консулӣ», «Муносибатҳои байналмилалӣ» ва «Сиёсати берунӣ ва дипломатия» мебошанд, ки омӯзишашон соли таҳсили 2022-2023 ба роҳ монда шуд. Ба шарофати ин ибтикор ихтисосҳои мавриди омӯзиш дар донишгоҳ ба 77 расид.

Дар баробари ин, ташаббуси дигари раёсати донишгоҳ дар мавриди ҷорӣ намудани низоми таҳсилоти бисёрзинагӣ, яъне ташкили коллеҷҳо аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор дастгирӣ ёфта, дар марҳилаи баррасӣ қарор дорад.

Бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтани Шӯрои диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисосҳои «Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ», «Иқтисодиёти соҳибкорӣ» ва «Маркетинг» идомаи мантиқии дастовардҳои аҳли донишгоҳ бо роҳбарии ректор Убайдулло Асрорзода мебошад. Ин раванд муттасил буда, ташкили кафедраи ҳарбӣ, Маркази хизматрасониҳои иттилоотӣ-сайёҳии шаҳри Душанбе ва тавсеаи фаъолияти Маркази забономӯзии донишгоҳ аз ҳамон ҷумлаанд.

Фароҳамсозии имконият барои баҳравар шудани донишҷӯён аз технологияи навин madди назари роҳбарият қарор дошта, соли гузашта дар доираи таҳияи лоиҳаҳои грантӣ ва истифодаи маблағҳои махсуси донишгоҳ шумораи компютерҳо ба 1104 адад расид. Қобили зикр аст, ки ин нишондиҳандаи хуб буда, дар маҷмӯъ ба ҳар се донишҷӯ як компютер рост меояд.

Ибтикори дигари ректори донишгоҳ, ки ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» марбут аст, мунтазам баргузории олимпиада барои дарёфти «Ҷоми раёсати ДБССТ» мебошад.

Равобити донишгоҳ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷӣ низ беш аз пеш тавсеа ёфта, соли 2022 бо 41 донишгоҳу донишкадаҳо ва марказҳои илмӣ-таҳқиқотии хориҷи кишвар шартномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расид. Муҳим он аст, ки меҳвари шартномаҳои мазкур табодули академии донишҷӯён ва такмили ихтисоси омӯзгорон ба ҳисоб меравад.

Дар заминаи болоравии нуфузи байналмилалии донишгоҳ таваҷҷуҳи ташкилоту созмонҳои бонуфуз ва муассисаҳои таълимии муътабари хориҷӣ тамоюли афзоишро касб кардааст. Ташрифи сафири фавқулода ва мухтори Тоҷикистон дар Шоҳигарии Арабистони Саудӣ. намояндаи Академияи сайёҳии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, намояндагони Донишгоҳи Ситии Малайзия, дабири кулли Муколамаи ҳамкории Осиё, намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва сохторҳои тиҷоратии Юнон, ректори Донишкадаи давлатии фарҳанги Қазон ва дигарон шаҳодати ин гуфта аст.

Дар самти фаъолияти хоҷагидорӣ низ пешравӣ зиёд буда, сохтмони бинои 8 - ошёнаи Маркази рушди малакаҳои касбӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва хобгоҳ шурӯъ гардида, барои бунёди муассисаи томактабӣ дар ҳудуди донишгоҳ корҳои омодагиву ташкилӣ ҷараён доранд. Инчунин, кор дар сохтмони бинои 7-ошёнаи филиали донишгоҳ дар вилояти Хатлон дар сатҳи хубу сифати баланд пеш рафта истодааст.

Пешравиҳои зикршуда, ки аз ҷамъи дастовардҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон «муште аз хирвор» мебошанд, далели бебаҳси он аст, ки кормандони он бо роҳбарии Убайдулло Асрорзода дастуру супориш ва ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи кор қарор дода, дар иҷрои рисолати хеш комёб ва собитқадаманд.

**Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

---

# НОРАСОИИ ОМӮЗГОРОН КАЙ РАФЪ МЕШАВАД?

## Мусоҳиба бо директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Икром Субҳонзода

**- Вазъи соҳаи маориф чӣ гуна аст ва рушди устувори ин соҳаи муҳимро чӣ тавр таъмин кардан мумкин?**

- Ба аҳли ҷомеа маълум аст, ки дар сиёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маориф самти афзалиятнок аст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рушду нумӯи ин соҳаи ҳаётан муҳим таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, пайваста дастуру супоришҳо медиҳанд. Дар даврони соҳибистиқлолӣ соҳаи маориф ва илм ба дастовард ва комёбиву пешравиҳои бесобиқа ноил гардид.

Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ буда, иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва стандартҳои давлатии таҳсилотро дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти ташкилотҳои илмӣ, самаранокии татбиқи таҳқиқоти илмӣ-техникӣ, тайёр намудани мутахассисон ва кадрҳои илмиро, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравӣ назорат карда, ба таълиму тарбия, сатҳи сифати дониши хонандагону донишҷӯён, докторантон, тайёр намудани мутахассисон ва дигар самтҳои фаъолияти муассисаҳои таълимӣ баҳо медиҳад.

Зимни натиҷагирӣ маълум гардид, ки дар заминаи ғамхориҳои пайвастаи Пешвои миллат дар соҳа пешравиҳои назаррас ба амал омада истодааст. Бунёд, таъмиру тармими мактабҳо, таҷҳизонидани онҳо бо маводи зарурии хониш, нашри китобҳои дарсӣ, таъсиси муассисаҳои таълимии типи нав, ҷорӣ намудани усулҳои муосир ва пешрафтаи таълим аз ҳамин ҷумлаанд. Маблағгузории соҳаи маориф панҷяки буҷети мамлакатро дар бар мегирад. Соли 2022 аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф 6 миллиарду 304 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст, ки нисбат ба соли 2021-ум 707 миллион сомонӣ ё 12,6 фоиз зиёд буда, 19 фоизи хароҷоти буҷетро ташкил медиҳад.

Воқеан ҳам дар даврони соҳибистиқлолӣ, ҳар сол шумораи муассисаҳои таълимӣ меафзоянд, биноҳои нави таълимии замонавӣ ба истифода дода мешаванд. Шоҳид ҳастем, ки Пешвои миллат дар ҳама сафарҳои хеш ба минтақаҳои кишвар беш аз ҳама аз муассисаҳои таълимӣ боздид ба амал меоранд ва ба фаъолияти муассисаҳои таълимиву тарбиявӣ оғоз мебахшанд. Беҳуда нагуфтаанд, ки «Сиёсатмадоре, ки дари мактабро мекушояд, дари ҳабсхонаро мебандад».

Дар Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин зикр гардид: «Дар 31 соли истиқлолияти давлатӣ 3430 муассисаи нави таълимӣ барои қариб якуним миллион хонанда сохта, ба истифода дода шуд. Ҳол он ки дар 70 соли замони гузашта ҳамагӣ 3229 муассисаи таълимӣ бунёд гардида буд».

Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар 2 миллиону 300 ҳазор хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Соли 1991 ин нишондиҳанда ҳамагӣ 1 миллиону 325 ҳазор нафарро ташкил медод ва афзоиши хонандагон дар ин давра 975 ҳазор нафар аст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ таъкид намуданд: «Бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад. Бинобар ин, ғамхорӣ кардан ба илму маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта – сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир, мо дар сиёсати иҷтимоии Давлату Ҳукумат рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтарро барои наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок дониста, барои рушди ин соҳаи муҳими низоми иҷтимоӣ ҳамаи чораҳои заруриро роҳандозӣ карда истодаем».

**- Зимни нишасти матбуотӣ, ки чанде пеш баргузор гардид, шумо аз ҳуҷҷатҳои қалбакии таҳсилоти давлатҳои хориҷа ва ба талабот ҷавобгӯ набудани баъзе муассисаҳои таълимӣ нигаронӣ кардед. Хоҳишмандам ин масъалаҳоро тавзеҳ диҳед.**

- Соли 2022 иҷозатномаи 15 муассисаи таълимӣ, ки ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мувофиқат намекарданд, тибқи дархости муассисон дар асоси қарори ҷаласаи ҳайати мушовара бозхонд шуд.

Соли гузашта 972 ҳуҷҷат барои баробарарзишӣ ва эътирофи ҳуҷҷатҳои таҳсилоти давлатҳои хориҷӣ ворид гардида, 1800 ҳуҷҷат (716 ҳуҷҷат аз қабули соли 2021) бо фармоиши директори агентӣ эътироф ва баробарарзиш шуданд. Зимни гузаронидани ташхиси ҳуҷҷатҳои таҳсилоти давлатҳои хориҷӣ, ки барои эътироф ва муайян намудани баробарарзишӣ пешниҳод гардида буданд, 11 ҳуҷҷати қалбакӣ ошкор гардид ва тибқи талаботи муқарраргардида ба мақомоти дахлдори давлатӣ барои чораҷӯӣ пешниҳод гардид.

**- Бо вуҷуди он ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат ҳар сол мутахассисони зиёди соҳаи маориф омода мешавад, вале на ҳамаи онҳо барои кор ба муассисаҳои таълимӣ меравand. Чаро?**

- Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров, Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Данғара, Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов, Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати ба номи М. Турсунзода, Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт мутахассисони равияи омӯзгориро омода мекунанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба ҷойи кор ҳозиршавии хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбие, ки ихтисосҳои равияи омӯзгорӣ доранд, дар доираи нақшаҳои пешбинишуда амалӣ намешавад. Қисме аз хатмкардагони равияи омӯзгорӣ бе сабаб ва қисми дигар бо сабабҳои таҳсил дар зинаи магистратура, хизмат дар сафи Қуввaҳои Мусаллаҳи кишвар, баргардонидани маблағи таҳсил, дипломи аъло, ба шавҳар баромадан, рухсатии ҳомиладорӣ ва нигоҳубини кӯдак ба ҷои кор ҳозир нашудаанд.

Тибқи маълумоти оморӣ, ихтисос ва равияҳои омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишварро ба ҳисоби миёна ҳар сол 21 ҳазор нафар хатм мекунанд, ки аз ин шумора 8,5-9 ҳазор нафарашон хатмкунандагони гурӯҳҳои буҷетӣ мебошанд. Сафарбарнамоии хатмкунандагон ва назорати ба ҷои кор ҳозиршавии онҳо метавонад пурра норасоии кадрҳои омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти умумии кишварро бартараф намояд.

**- Дар рафти назорат камбудиҳо ошкор мешаванд. Барои рафъи онҳо чӣ корҳоро анҷом додан зарур аст?**

- Дар даврони соҳибистиқлолӣ бо ташаббус ва дастгириҳои Пешвои миллат соҳаи маориф ба муваффақиятҳои беназир ноил гардида, иншооти зиёди таълимӣ, аз ҷумла мактабҳои президентӣ, гимназия, литсей, муассисаҳои нави таълимии таъмин бо заминаи моддӣ-техникӣ, озмоишгоҳҳои муосири таълимӣ, толорҳои варзишию фарҳангӣ ва китобхонаҳои электронӣ сохта шуданд. Дар ин давра, китобҳои дарсӣ бо мазмуни нав дар заминаи арзишҳои миллӣ ва байналмилалӣ, бо назардошти дастовардҳои илми муосир таҳия ва дастраси хонандагон гардиданд. Бо муҳайё намудани шароити мусоид дастовардҳои хонандагон дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ зиёд гардидааст. Илова бар ин, дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ислоҳот гузаронида шуда, маблағгузории соҳа ва музди меҳнати омӯзгорон давра ба давра зиёд гардид.

Дар баробари ин, мушкилот ва камбудиҳое ҷой доранд, ки ҳалли саривақтии онҳо барои рушди бонизоми соҳаи маориф муҳим арзёбӣ мегардад.



Барои омӯзиши забонҳои русӣ, англисӣ ва табиӣ-риёзӣ дар ҷумҳурӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми августи соли 2019 «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қабул гардида, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми январи соли 2020 солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардидааст. Тибқи талаботи санадҳои мазкур, бояд кадрҳои омӯзгорӣ аз ин фанҳо омода ва норасоии кадрӣ пурра бартараф карда шуда, омӯзиши ин фанҳо тибқи талабот ба роҳ монда шавад.

Инчунин, маводи иловагии таълимӣ, аз қабили китобҳои дарсии алтернативӣ, хрестоматияҳо, дарсҳои видеоию телевизионӣ, маҷмӯи мисолу масъалаҳо аз фанҳои табиӣ-риёзӣ, маводи илмӣ-методӣ, энсиклопедияҳои илмии бачагона аз фанҳои гуногуни таълимӣ ба хонандагон дастрас шавад. Барои ҷалби хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба равияҳои омӯзгорӣ зарур аст, ки пайваста бо хонандагон вохӯрии роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии равияи омӯзгоридошта доир шуда, дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо мутахассисони аз имтиёзҳои тибқи талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми майи соли 2006 таҳти №197 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» муқарраргардида баҳравар шаванд.

Дар ҳамкорӣ бо шабакаҳои телевизионӣ оид ба фаъолияти омӯзгорони пешқадам ва навовар барномаҳо ташкил карда, тарғибу ташвиқ ва паҳн намудани таҷрибаи чунин омӯзгоронро аз тариқи воситаҳои ахбори омма ба роҳ монда, нақшаи дурнамо (5-10 - сола) таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ, бо назардошти афзоиши аҳолӣ (ҳамасола зиёд гардидани хонандагони синфи 1) тасдиқ шавад.

Дар муассисаҳои таълимӣ равоншиносони касбӣ бояд фаъолият кунанд, кормандони методии раёсату шуъбаҳои маорифи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо фаъолтар бошанд, фаъолияти эҷодии омӯзгорон бояд такмил дода шавад, онҳо ба дарсҳои ҳамдигар иштирок карда, таҷрибаи пешқадамро мавриди омӯзиш қарор диҳанд. Ҷавобгӯ набудани маҳорату касбияти баъзе роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва мудирони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, зиёд будани санҷишҳои ғайринақшавии ҷараёни таълим, ба талаботи замон ҷавобгӯ набудани сатҳи касбии бархе аз омӯзгорон ва худомӯзии онҳо монеи сифатнок роҳандозӣ шудани таълиму тарбия мегарданд.

Барои таъмини рушди устувори ин соҳаи калидӣ ва афзалиятнок бояд масъулини соҳа дастуру супоришҳо ва таъкидҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи кору фаъолияти худ қарор диҳанд.

**Мусоҳиб**
**Бурҳониддин КАРИМЗОДА,**
**«Садои мардум»**

# КВД БССТ «САНОАТСОДИРОТБОНК»

**ҶДММ «Консултант Аудит»**
Аудит, баҳисобгирӣ, андоз, машварат
Тоҷикистон

ХУЛОСАИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ
**Ба Раёсат ва Раиси Раёсати**
**КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"**

**Ақида бо тавзеҳ**

Мо аудити ҳисоботи молиявии пешниҳоднамудаи КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" (минбаъд - «Бонк»)-ро, ки ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ ба 31 декабри соли 2022 ва ҳисоботи дахлдорро дар бораи маҷмӯи даромадҳо, ҳаракати воситаҳои пулӣ ва тағйиротҳо дар сармояи худӣ дар соле, ки дар санаи зикргардида ба итмом расидаанд, инчунин изҳори мухтасари принсипҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ ва дигар эзоҳҳоро нисбати ҳисоботи молиявии мазкурро дар бар мегирад, ба итмом расонидем.

Ба ақидаи мо ба истисnoи эҳтимолияти таъсири натиҷаҳои масоили дар қисмати "Асос барои ибрози ақида бо тавзеҳ" дарҷшудаи ҳисоботи мо ҳисоботи молиявии пешниҳодшуда дар тамоми ҷанбаҳои худ вазъи ҳақиқии молиявии Бонкро ба санаи 31-уми декабри соли 2022, инчунин натиҷаҳои молиявии он ва ҳаракати воситаҳои пулиро дар тӯли соле, ки дар санаи зикргардида ба охир расидааст мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) дуруст инъикос менамояд.

**Асос барои ибрози ақида бо тавзеҳ**

**Ҳисобкунии беқурбшавии дороиҳо-** Ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявии мазкур Бонк беқурбшавии қарзҳоро мувофиқи дастурамали Бонки миллии Тоҷикистон №215 "Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва ФПТИ аз рӯи қарзҳо" ҳисоб намудааст, ки шояд аз талаботи СБҲМ 9 "Фишангҳои молиявӣ" фарқ кунад.

**Масъалаҳои муҳими аудит**

Масъалаҳои муҳими аудит масоиле мебошанд, ки онҳо мутобиқи муҳокимаи касбии мо барои аудити ҳисоботи молиявии мо барои соли ҷорӣ бештар муҳим арзёбӣ гардидаанд. Ин масъалаҳо дар матни ҳисоботи молиявии мо дар маҷмӯъ ва ҳангоми ташаккулёбии ақидаи мо дар бораи ин ҳисобот баррасӣ гардидааст ва мо ақидаи алоҳидаро вобаста ба масъалаҳои мазкур изҳор наменамоем.

**Баҳсҳои судӣ-** Мо диққатро ба эзоҳи 6 ҷалб менамоем, ки он маълумот оиди баҳсҳои судии аз ҷониби Бонк даъвошударо ошкор менамояд. Нисбати Бонк даъвои судӣ мавҷуд нест.

**Ҳодисаҳои пас аз давраи ҳисоботӣ ба амаломада-** Мо диққатро ба эзоҳи 7 ҷалб менамоем, ки он маълумот оиди ҳодисаҳои пас аз давраи ҳисоботӣ ба амаломадаро ошкор менамояд.

